**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишкадаи сайёҳӣ,**
**соҳибкорӣ ва хизмат,**
**н.и.и., дотсент Аброрзода У.С.**
**________________________________**
**«__11__» ______маи______ соли 2020**

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбари тақриздиҳанда – кафедраҳои фалсафа ва таърих ва бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондории Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат ба диссертатсияи Мираkзода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи «Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии иомзади илмҳои таърих, аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).**

Диссертатсияи номзадии Мираkзода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи «Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-2016)» бо қарори Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА-005 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тақриз ба Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, он дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраи фалсафа ва таърих ва кафедраи бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондорӣ мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи диссертатсия ҳайати профессорону омӯзгорони кафедраҳо, аз ҷумла, Ф.Қ. Ҳаитов – мудири кафедраи фалсафа ва таърих, номзади илмҳои фалсафа, дотсент, Н.Б. Ҳотамов – доктори илмҳои таърих, профессор, С. Ҷононов - доктори илмҳои фалсафа, М.И. Ашуралиев - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, М.И.Қодирова - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Ф.С.Қодиров- номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, З.Ю.Тураева - номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсент, И.И. Шарипов – устоди калони кафедраи фалсафа ва таърих,

М.С. Ғуломова М.С – ассистенти кафедраи фалсафа ва таърих, Р.С.Чилаев – ассистенти кафедраи фалсафа ва таърих ва котиби ҷаласа Ш. Кенҷаева иштирок ва суханронӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки туризм яке аз самтҳои муҳимми иқтисод ва фарҳанги кишварҳо ба шумор рафта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ он яке аз бахшҳои асосии сиёсати давлатӣ ва иқтисоди миллӣ дониста мешавад. Тоҷикистон дорои садҳо осори таърихию ҳунарӣ, ёдгориҳои бостоншиносӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ, обҳои шифобахш, кӯҳҳои осмонбӯс ва табиати нотакрор аст, ки истифодаи оқилонаи онҳо ба рушди туризм ва пешрафти иқтисоди миллӣ мусоидат хоҳад кард.

Аҳамияти илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он таърих, таҳаввул, равандҳои асоси ва рушди туризм дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон (солҳои 1991-2016), проблемаҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо дар давраҳои муайяни таърихӣ дар асоси сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ, илмӣ ва оморӣ муайян карда шудааст. Инчунин, сарчашмаҳои табиӣ ва иқтидори сайёҳӣ, роҳҳои такомули инфрасохтори сайёҳӣ ботафсил мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд. Муҳимтар аз ҳама нахустин бор бо забони давлатӣ таърихи ин соҳаи ҳаётан муҳими Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Диссертатсияи Мираказода Фаридун Юсуфи аз муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муаллиф аҳамияту ҷойгоҳи мавзӯи таҳқиқотии хешро баён намуда, қайд менамояд, ки дар илми таърихнигории тоҷик ба қадри кофӣ ва дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагаштани мавзӯи баррасишаванда муҷиби ин пажӯҳиш гардида, таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ дар доираи мавзӯи рисола имкон медиҳад, ки таърихи ташаккул, рушд ва дурнамои туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯхта шавад. Таҳқиқи таърих ва дурнамои рушди туризми кишвар яке аз масъалаҳои муҳимми илми ватанӣ ба шумор рафта, дар солҳои охир соҳаи сайёҳӣ ба яке аз самтҳои муҳимми иқтисоди

кишварҳои олам табдил ёфтааст. Ин аст, ки бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шудааст. Бояд гуфт, ки тақрибан тамоми осори ба мавзӯъ дахлдошта ба накду баррасӣ кашида шудаанд. Ҳадафҳои муаллиф дар таҳқиқот возеҳ ва мукаммал баён гардида, минбаъд объекту предмети таҳқиқ, навгониву сарчашмаҳои асосии таҳқиқ, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, саҳми шахсии диссертант ва муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшуда низ дар ин қисмат иншо шудаанд.

Боби якуми диссертатсия «**Заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**» ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Дар зербоби аввали боби якум «**Мероси таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик ҳамчун ҷозибаи сайёҳии Тоҷикистон**» муаллиф ба аҳамияти мероси таърихи-фарҳангӣ дар рушди сайёҳӣ, ҷозибаҳои сайёҳӣ, тавсифи илмии истилоҳоти туризми таърихӣ-фарҳангӣ аз нигоҳи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, тавсифи иқтидори туризми таърихӣ-фарҳангӣ дар манотиқи алоҳидаи кишвар, инчунин, пажӯҳиши олимону мутахассисони ватаниву хориҷӣ доир ба таърих, пайдоиш ва инкишофи ҳунарҳои мардумӣ дар Тоҷикистон маълумот додааст. Таъкид мешавад, ки мероси таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик яке аз омилҳои муҳим барои рушди соҳаи сайёҳӣ ба шумор рафта, дар сурати истифодаи дурусту ҳадафманд аз он, иқтидори туристии кишвари моро метавон тақвият карда, сармояи устувори боздеҳро ба миён овард. Дар зербоби мазкур инчунин қайд мешавад ки, бо назардошти ғановати анвои ҳунарҳои мардумӣ зарурати таҳия ва тасдиқи «Консепсияи рушди ҳавзаҳои ҳунарӣ» ба миён омада, қабули он суръати рушди соҳаи сайёҳиро бештар месозад.

Зербоби дуюми боби аввал «**Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар самти туризм: фароҳам овардани шароити сиёсӣ ва базаи ҳуқуқӣ**» унвон дошта, дар он роҷеъ ба мавқеи туризм дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон, робитаи сиёсат ва туризм, сиёсати давлатӣ дар ин соҳа, таъсири манфии ҷанги шаҳрвандӣ ва вазъи ногувори соҳа дар солҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар маълумот дода шудааст. Инчунин, муаллиф дар заминаи таҳлили осори илмии ба соҳаи туризм бахшидашуда, кӯшишҳои ҷудогонаи муҳаққиқонро доир ба даврабандии самти мазкур баррасӣ намуда, даврабандии ягонаи рушди ин соҳаро бо назардошти вижагиҳои рушди Тоҷикистон, таърихи ташаккулёбӣ ва рушди низоми ҳуқуқии сайёҳии даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро шартан ба марҳилаи зерин ҷудо намудааст: марҳилаи якуми ташаккулёбӣ ва рушди сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - сентябри соли 1991- июни соли 1997; марҳилаи дуюм 27 июни соли 1997, яъне аз рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ оғоз ёфта, то 27-уми ноябри соли 2007, яъне то рӯзи ба сифати узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ пазируфта шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон идома меёбад. Марҳилаи сеюми ташаккулёбӣ ва рушди ҳуқуқи сайёҳӣ дар Тоҷикистон, ба назари муаллиф аз соли 2007 оғоз ёфта, то давраи таҳқиқи мавзӯъ (соли 2016) идома ёфтааст.

Муаллиф ҳангоми даврабандӣ хусусиятҳои ҳар давраро вобаста ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар баррасӣ карда, тадбирҳои андешидашуда ва воқеияти дар ин самт баамаломадаро тасвир кардааст. Хулосаи олимонаи ин зерфасл ҳосили баррасиҳову натиҷагирҳои унвонҷӯ бар пояи ахбору омор ва вазъи сиёсиву иқтисоии кишвар мебошад.

Дар зербоби сеюми боби якум «**Ниёзҳои иқтисодии Тоҷикистон ва сармоягузорӣ ба соҳаи туризм**» унвонҷӯ кайд намудааст, ки омӯзиши

ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти сайёҳӣ яке аз самтҳои муҳим ваояндадори назарияи умумии туризм ба шумор меравад.

Дар зербоби мазкур муаллиф доир ба саҳми муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ дар таҳқиқи масъалаҳои мухталифи иқтисодиёти туризм маълумот дода, дар идомаи таҳқиқ имкониятҳои инфрасохтори мавҷударо ҳамчун заминаи асосии рушди туризм арзёбӣ намудааст. Инчунин, дар ин қисмат иқтисодиёти туристии Тоҷикистон мавриди омӯзишу арзёбӣ қарор гирифта, вижагиҳои ин соҳа ва таъсири он дар рушди умумии кишварро таҳқиқ шудааст. Пас аз таҳлилубаррасии амиқ тавсияҳои муаллифӣ ҷиҳати пешрафти соҳа баён гардидааст. Муаллиф аз ҷумла, таъсис додани Пажӯҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии туризм – ниҳоди комилан мустақил, пажӯҳишӣ, салоҳиятдор ва таҳрикбахши соҳа, ҷалби коршиносон ва мутахассисони баландпояро ҷиҳати таҳия ва чоп намудани қомуси миллии сайёҳӣ зарур шумоfailидааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Динамикаи рушди туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 1991-2006**» унвон дошта, аз ду зербоб таркиб ёфтааст.

Зербоби якум «**Таърихи бунёди ниҳоди дахлдор дар соҳаи туризм ва марҳилаҳои асосии фаъолияти он**» унвон дошта, дар он муаллиф доир ба муассисаю созмонҳое маълумот додааст, ки ба корҳои сайёҳӣ-экскурсионӣ машғул буданд. Унвонҷӯ қайд намудааст, ки баъди соли 1991 аз сабаби тағйир ёфтани сиёсати пешгирифтаи давлат ва баъдан гузариш ба шароити нави иқтисодӣ, марҳилаи нави рушди туризм оғоз меёбад, ки он хусусиятҳои худро дорост. Ҳамзамон, диссертант қайд намудааст, ки рушди туризм дар Тоҷикистон то солҳои 1995-1996-уми асри гузашта номуназзам ва камсамар буда, танҳо пас аз ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Ҳамин тавр, дар идомаи таҳқиқот муаллиф оид ба фаъолияти Ширкати миллии «Тоҷиктуризм», баъдан, ширкати миллии «Сайёҳ», Кумитаи ҷавонон,

варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, оид ба сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти сайёҳии кишвар маълумот додааст.

Илова бар ин, унвонҷӯ қайд намудааст, ки дар солҳои 1991-1995 бо назардошти вазъи ноороми сиёсӣ ба Тоҷикистон ташрифи сайёҳон ба ҷумҳурӣ хеле коҳиш ёфт. Пас аз ташкили ширкатҳои миллии сайёҳӣ ва тадриҷан эътидол ёфтани вазъи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ шумораи сайёҳон низ мутаносибан зина ба зина афзоиш ёфт. Ҳамзамон, динамикаи тишрифи сайёҳон ба Тоҷикистон дар солҳои 1996-2016 дар зербоби мазкур оварда шудааст.

Зербоби дуюм «**Экотуризм дар Тоҷикистон ва дурнамои рушди он**» ном дошта, дар он хусусиятҳои экотуризм дар рушди сайёҳӣ, мавқеи табиати камназир ва олами набототу ҳайвоноти кишвар, ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи табиӣ, мамнуъгоҳҳо, парваришгоҳҳо, парки миллӣ ва дигар мавзеъҳои табиии кишвар дар рушди экотруизм мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Бояд зикр кард, ки муаллифи рисола доир ба мамнуъгоҳҳо, парваришгоҳҳо, парки миллӣ ва дигар мавзеъҳои экологии кишвар маълумот дода, ба натиҷае мерасад, ки сайёҳии экологӣ ва табобатӣ яке аз навъҳои хеле пурсуди сайёҳӣ дар Тоҷикистон буда, муаррифии он ҷиҳати ҷалби сайёҳони хориҷӣ муҳим аст. Дар қаламрави собиқ Шӯравӣ Тоҷикистон болотарин мизони гардишгарии табобатиро ба худ ихтисос дода буд. Имконоти васеи кишвар дар заминаи обҳои маъданӣ бояд ба таври ҷиддӣ бозсозӣ ва муаррифӣ гарданд.

Боби сеюми диссертатсия «**Туризм дар Тоҷикистон дар солҳои 2007-2016 ва дурнамои рушди он**» унвон дошта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якум «**Туризми дохилӣ ва роҳҳои тавсеаи он: мушкилот ва дурнамо**» ном дошта, дар он оид ба муҳимтарин осори дидании Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғд, Хатлон, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва навоҳии тобеи марказ маълумот дода

шудааст. Мероси таърихии тоҷикон ба унвони қадимтарин халқи минтақа таваҷҷуҳи сайёҳони хориҷиро ҷалб сохтааст ва ҳадафи сафари бештари сайёҳон ба кишвар маҳз дидани ёдгориҳои таърихӣ мебошад.

Дар зербоби мазкур оид ба хусусият ва захираҳои рушди сайёҳии минтақаҳои алоҳидаи Тоҷикистон мавриди арзёбӣ қарор гирифта, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки ин осор бояд ҳамаҷониба ҳифзу нигаҳбонӣ гардида, тавассути сомонаҳои интернетӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма ҳамаҷониба тарғибу таблиғ гардад. Рушд додани сайёҳии дохилӣ аз нигоҳи сиёсӣ ва иҷтимоӣ низ аҳамияти ҳаётӣ дошта, имкон медиҳад, ки мардуми як кишвар аз ҳоли ҳамдигар беҳтар хабардор гашта, пайванди миёни онҳо ва ошноӣ ба фарҳанги гӯшаву канор низ тақвият ёбад.

Зербоби дуюм «**Рушду тавсеаи туризми табобатӣ дар Тоҷикистон**» ном дошта, дар ин қисмат ба захираи чашмаву обҳои шифобахш дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад. Ҳамчунин сохти геологӣ, таркиби кимёвӣ, хусусиятҳои табобатии чашмаҳо баён гардидааст. Муаллиф қайд намудааст, ки Тоҷикистон бо доштани беш аз 200 чашма дар манотиқи гуногун зарфияти болоеро дар ихтиёр дошта, ин захираҳо барои рушди сайёҳӣ дар мамлакат нақши муҳимро мебозанд. Ҳамчунон таъкид мешавад, ки қисми зиёди чашмаҳои шифобахши Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир мебошанд.

Зербоби сеюми боби сеюми диссертатсия «**Шаклгирӣ ва рушди туризми байналмилалӣ дар Тоҷикистон**» унвон дошта, дар он вазъи соҳаи сайёҳӣ дар солҳои 2007-2016 мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Муаллиф бар ин бовар аст, ки узвияти Тоҷикистон дар Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ (27.11.2007) на танҳо раванди ташаккулёбии соҳа, балки ҷараёни шаклгирии сохтори идоракунии сайёҳиро дар кишвари мо

такони ҷиддӣ бахшид. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нави рушд ворид гардид.

Дар зербоби мазкур нақш ва силсилатадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушд ва дурнамои соҳа мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирифта, инчунин, нишондиҳандаҳои омории соҳаи сайёҳӣ дар солҳои 2007-2016 оварда шудаанд. Муаллифи рисола натиҷагирӣ карда, таъкид месоҳад, ки муҳимтарин тадбирҳо дар ин замина, қабули барномаҳои давлатӣ ва таҳияи консепсияи рушди соҳа ба шумор рафта, дурнамои туризми байналмилалӣ дар кишварро муайян сохт.

Хулосаи диссертатсия натиҷаҳои умумии боб ва зербобҳо буда, муаллиф бо ироаи чанд тавсия назари коршиносонаи хешро ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳии кишвар ва ҷалби сайёҳон матраҳ мекунад. Тавсиву хулосаҳо илмӣ ва санҷидашуда буда, корбасти онҳо имкон медиҳад, ки соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон рушду такомули бештар пайдо кунад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи **Мираксзода Фаридун Юсуфи** як таҳқиқи муваффақ, бaанҷомрасида ва дар сатҳи хуби илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба тамоми мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошта ноил гардидааст. Рисола аз оғоз то анҷом бар равиши таҳқиқиву қиёсӣ, хулосабарории мантиқии илмӣ ва навгӯӣ таҳия шудааст. Вобаста ба фаъолияти самаранокии иқтисодии мавзеъҳои сайёҳии Тоҷикистон муаллифи диссертатсия тавонистааст, ки ҳамаи навъҳо ва манотиқи туристии кишварро мавриди омӯзиши дақиқ ва илмӣ қарор диҳад.

Новобаста аз ин, диссертатсияи мазкур низ аз камбудиву норасоиҳо орӣ нест, ки муҳимтарини онҳо аз ин қабиланд:

1. Дар иншои диссертатсия баъзе осору адабиёти илмӣ аз мадди назари муаллиф берун мондааст. Аз ҷумла, ҷилдҳои марбутаи асари дастаҷамъонаи «Таърихи халқи тоҷик» («История таджикского

народа») ба таври зарурӣ мавриди истифода ва ё накду баррасӣ қарор нагирифтааст.

2. Муаллиф на ҳамаи номҳои ҷуғрофӣ, мавзеъҳо ва маконҳои сайёҳӣ ва этимологияи онро шарҳу тафсир додааст.
3. Муаллифро мебоист феҳристи мавзеъҳои сайёҳии кишвар, мавқеи ҷойгиршавӣ, таърихи таъсис ва зарфияти онҳоро таҳия намуда, ба рисола замима кунад;
4. Хуб мешуд, ки муаллиф сабабҳои камтар ҷалб гаштани инвеститсияи хориҷӣ дар соҳаи туризмро мавриди баррасӣ қарор дода, дар ин замина низ хулосаҳо ва тавсияҳои хешро баён намояд.
5. Дар диссертатсия хронологияи таърихӣ на ҳамеша риоя гардида, дар бобҳои дуюм ва сеюм муаллиф баъзе ҳодисаҳое аз чаҳорчӯбаи дар номи боб нишондодашуда берун меравад.
6. Дар диссертатсия дар бораи сайёҳони маъруфи тоҷик Ҳоҷа Юсуфӣ Хуҷандӣ (1842-1925) ва Мирзо Сироҷи Ҳакими Бухороӣ (1877-1914) маълумоти кофӣ дода нашудааст.
7. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Лозим ба ёдоварист, ки бештари пешниҳодҳои ҷойдошта характери тавсиявӣ дошта, мазмун ва муҳтавои кори диссертатсиониро коста намекунанд. Кори диссертатсионӣ, кори мустақилона анҷомёфта буда, мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ба мазмуни рисола мувофиқат мекунад. Диссертатсия мувофиқи талабот, меъёрҳо ва муқаррароти таъиннамудаи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16–и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, таҳия шудааст.

Диссертатсияи Мираксзода Фаридун Юсуфи дар мавзӯи «Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърих ва дурнамои рушд (солҳои 1991-

2016)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих, аз руйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) арзанда буда, муаллифи он сазовори даёфти унвони номзади илмҳои таърих мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи васеи муштаркаи кафедраҳои фалсафа ва таърих ва бизнеси сайёҳӣ, рекреатсия ва меҳмондории Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, 07 майи соли 2020, протоколи №11 муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: **11 нафар.**
Натиҷаи овоздиҳӣ:
«ҷонибдор» – 11 нафар;
«муқобил» – нест;
«бетараф» – нест.
Протоколи № 11 аз 7 майи соли 2020.

**Раисикунанда**: мудири кафедраи
фалсафа ва таърихи Донишкадаи
сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, н.и.ф., дотсент Ф.Қ. Ҳаитов

**Ташхисгарон:**
д.и.т., профессор Н.Б. Ҳотамов.
н.и.п., дотсент М.И. Ашуралиев

**Котиби ҷаласа** Ш. Кенҷаева

Имзоҳои Ф.Қ. Ҳаитов., Н.Б.Ҳотамов ва
М.И. Ашуралиевро **тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати
кадрҳо ва корҳои махсус ДССХ Ш.Н. Ҷураев

**Нишонӣ:**
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат.
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5
Тел.: +(99237)2348802,
E-mail: dsx_ips@mail.ru
Сомона: www.dsx.tj